**Замима**
**ба қарори Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 30 сентябри соли 2021, №417**

## Қоидаҳои маблағгузории лоиҳаҳои фармоишии илмиву таҳқиқотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.12.2024 № 684)

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Қоидаҳои маблағгузории лоиҳаҳои фармоишии илмиву таҳқиқотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Қоидаҳо) тартиби маблағгузории заминавӣ, инчунин тартиби маблағгузории грантӣ ва барномавии мақсадноки лоиҳаҳои фармоишии илмиву таҳқиқотиро аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ муайян мекунанд.
2. Дар Қоидаҳои мазкур мафҳумҳои зерин истифода бурда мешаванд:
- маблағгузории заминавӣ - маблағҳои буҷети давлатӣ, ки барои хароҷоти ҷории фаъолияти муассисаҳои давлатии илмӣ ва таълимию илмӣ равона карда мешаванд;
- маблағгузории грантӣ - маблағгузории бебозгашти муассисаҳои давлатии илмӣ ва таълимию илмӣ, ки ба онҳо дар асоси озмун ва шартҳои шартнома бо фармоишгар аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ва созмонҳои байналмилалии молиявӣ барои амалӣ намудани лоиҳаҳои фармоишии илмиву таҳқиқотӣ ҷудо карда мешавад;
- маблағгузории барномавии мақсаднок - маблағгузории муассисаҳои давлатии илмӣ ва таълимию илмӣ, ки дар асоси озмун амалӣ гардида, барои ҳалли масъалаҳои муҳими стратегии давлатӣ равона карда мешавад;
- фармоишгар - фармоишгари ҳамаи шаклҳои маблағгузорӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, аз номи он вазорату идораҳои дахлдор барои маблағгузории заминавӣ, грантӣ ва барномавии мақсадноки лоиҳаҳои фармоишии илмиву таҳқиқотӣ баромад мекунанд.
3. Маблағгузории субъектҳои лоиҳаҳои фармоишии илмиву таҳқиқотӣ дар як вақт аз рӯйи шаклҳои гуногуни маблағгузорӣ бо баста шудани шартномаи алоҳида оид ба ҳар як шакл амалӣ карда мешавад.
4. Шартнома оид ба амалӣ намудани лоиҳаву барномаҳои фармоишии илмиву таҳқиқотиро мақоми ваколатдори давлатӣ ё мақоми ваколатдори соҳавӣ барои маблағгузории лоиҳаҳои фармоишии илмиву таҳқиқотӣ бо субъекти доир ба гузаронидани корҳои илмию таҳқиқотӣ, таҷрибавию конструкторӣ ва илмию техникӣ дар тамоми мӯҳлати амалишавии он, ки на бештар аз панҷ солро дар бар мегирад, мебандад (замима мегардад).
5. Маблағгузории хароҷоти ташкил ва гузаронидани экспертизаи лоиҳаҳои грантӣ ва барномавии мақсаднок тибқи қонунгузории амалкунанда дар асоси шартнома байни фармоишгар ва ташкилоти экспертӣ амалӣ карда мешавад.
6. Натиҷаҳои корҳои фармоишии илмиву таҳқиқотӣ ба фармоишгар тааллуқ дошта, иҷрокунанда ба онҳо ҳуқуқ надорад.
7. Озмун ва натиҷаҳои амалишавии лоиҳа ва барномаҳои маблағгузории грантӣ ва барномавии мақсадноки корҳои фармоишии илмиву таҳқиқотӣ ба воситаи ахбори омма ва нашрияҳои даврии расмӣ пахн карда мешаванд.
8. Вазорату идораҳое, ки дар сохторашон муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва таълимӣ доранд ва ё бевосита бо корҳои фармоишии илмиву таҳқиқотӣ машғуланд, бо мақсади такрор наёфтани маблағгузории лоиҳаҳои фармоишии илмиву таҳқиқотӣ ҳамасола то 1 феврал номгӯйи лоиҳаҳои корҳои фармоишии илмиву таҳқиқотии аз ҷониби бахши хусусӣ ва созмонҳои байналмилалӣ маблағгузоришавандаро ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд.
9. Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон таносуби тақсимоти маблағгузориро аз рӯйи маблағгузории грантӣ ва барномавии мақсадноки лоиҳаҳои фармоишии илмиву таҳқиқотӣ ҳар сол дар доираи ҳадди ниҳоии маблағгузории соли

молиявии оянда барои соҳа муайянгардида бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа менамояд.

## 2. ТАРТИБИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ЗАМИНАВӢ

10. Маблағгузории заминавӣ ба муассисаҳои илмии давлатӣ ва муассисаҳои таълимии ба муассисаҳои илмии давлатӣ баробаркардашуда (минбаъд - субъектҳо) ҷудо карда мешавад.

11. Маблағгузории заминавӣ хароҷотҳо дар доираи маблағҳои пешбинигардида барои таъмини ҷории инфрасохтори илмӣ ва молу мулк, аз ҷумла бино, асбобу таҷҳизот ва мавод, пардохти музди меҳнати ҳайати роҳбарикунанда, олимон, кормандони техникӣ ва ҳайати хизматрасонро дар бар мегирад.

12. Субъектҳои маблағгузории заминавӣ ҳар сол на дертар аз 1 марти соли пеш аз банақшагирифташаванда ба вазорату идораҳои дахлдори соҳавӣ дархости буҷетӣ барои маблағгузории заминавиро пешниҳод менамоянд.

13. Вазорату идораҳои дахлдори соҳавӣ дархостҳои маҷмӯии буҷетии маблағгузории заминавиро ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд.

14. Маблағгузории субъектҳои маблағгузории заминавӣ аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи буҷети тасдиқгардида барои соли навбатии молиявӣ аз рӯйи барномаи тақсимшавандаи буҷетӣ амалӣ карда мешавад.

## 3. ТАРТИБИ МАБЛАҒГУЗОРИҲОИ ГРАНТӢ ВА БАРНОМАВИИ МАҚСАДНОКИ ЛОИҲАҲОИ ФАРМОИШИИ ИЛМИВУ ТАҲҚИҚОТӢ

15. Маблағгузории грантӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ барои амалӣ намудани таҳқиқоти лоиҳаҳои фармоишии илмиву таҳқиқотии бунёдӣ ва амалӣ ва маблағгузории барномавии мақсаднок барои ҳалли масъалаҳои муҳими стратегии давлатӣ дар асоси озмун ҷудо карда мешаванд.

16. Вазорату идораҳое, ки дар сохторашон муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва таълимӣ доранд мутобиқ ба самтҳои афзалиятноки рушди илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодҳо оид ба ҳаҷми маблағгузории грантӣ ва номгӯйи лоиҳаҳои фармоишии илмиву таҳқиқотии грантии тибқи дастури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодшударо ба Шӯрои ҳамоҳангсозии корҳои илмию таҳқиқотӣ дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ, техникӣ, тиббӣ, кишоварзӣ, гуманитарӣ ва ҷамъиятшиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Шӯро) то 1 апрели соли пеш аз банақшагирӣ ирсол менамояд.

17. Озмуни маблағгузории барномавии мақсаднокро Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон ва баргузор менамояд.

18. Дар озмун барои маблағгузории грантӣ ва барномавии мақсаднок субъектҳои лоиҳаҳои фармоишии илмиву таҳқиқотии аккредитатсияшуда, инчунин муассисаҳои мустақили таҳсилоти олии касбие, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд ва сохторҳои мустақили онҳо дар шароити якхела метавонанд иштирок намоянд.

19. Шӯро оид ба маблағгузории грантӣ ва Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба маблағгузории барномавии мақсаднок ҳуҷҷатҳои озмуниро таҳия ва тасдиқ намуда, дар саҳифаи интернет-захираҳои худ иттилоот ҷойгир мекунанд ва ба воситаи нашрияҳои чопии даврӣ озмунро эълон карда, онро ташкил ва мегузаронанд.

20. Номгӯйи ҳуҷҷати озмун барои маблағгузории грантӣ ва барномавии мақсаднок дорои маълумоти зерин мебошад:
- номи мақоми ваколатдори соҳавӣ;
- номгӯйи мавзӯъҳои лоиҳаҳои фармоишии илмиву таҳқиқотӣ;
- дархост бо забони давлатӣ;
- талабот ба шакл ва мазмуни дархост ба озмун;
- нақшаи намунавии тақвимӣ;
- талаботи тахассусӣ ба иҷрокунандагони пешбинишаванда;
- сметаи хароҷоти лоиҳаҳои фармоишии илмиву таҳқиқотӣ;

- маълумотнома-ҳисобот аз муассисаи давлатии "Маркази миллии патенту иттилоот"-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо натиҷаи ҷустуҷӯйи мавзӯии лоиҳаҳои фармоишии илмиву таҳқиқотӣ пешниҳодгардида аз рӯйи навгонӣ.

21. Эълон дар бораи маблағгузории грантӣ ва барномавии мақсаднок дорои маълумоти зерин мебошад:

- номи мақоми давлатии озмунро эълоннамуда;
- мавзӯъ, муҳтаво ва ҳаҷми маблағгузорӣ;
- муҳлати охири пешниҳоди дархостҳо, ки на камтар аз 30 рӯзи тақвимӣ пас аз нашри эълон оид ба озмун мебошанд.

22. Дархостҳо барои иштирок дар маблағгузории грантӣ ва барномавии мақсадноки лоиҳаҳои фармоишии илмиву таҳқиқотӣ ва инноватсиониро (минбаъд - дархостҳо) субъектҳо дар ду нусха пешниҳод менамоянд.

23. Дархост оид ба маблағгузории грантӣ маълумот доир ба муҳлати амалӣ намудани лоиҳа, ки на зиёда аз панҷ солро дар бар мегирад, доро мебошад.

24. Дархостҳое, ки ба талаботҳои ҳуҷҷатгузории озмунӣ мутобиқ нестанд, қабул карда намешаванд.

25. Шӯро дархостҳои мутобиқ ба талаботҳои ҳуҷҷатгузории озмуниро баъд аз экспертизаи давлатии илмӣ ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаронидани экспертизаи давлатӣ пас аз баохиррасии қабули дархостҳо ба озмун ирсол менамояд.

26. Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз қабули дархостҳо аз Шӯро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани экспертизаи давлатии илмию техникии дархостҳоро барои маблағгузории грантӣ ташкил менамояд.

27. Натиҷаҳои озмун барои маблағгузории грантӣ дар нашрияҳои даврӣ нашр ва дар саҳифаи интернет-захираҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ҷойгир карда мешаванд.

28. Маблағгузории грантӣ ва барномавии мақсаднок аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ ё мақоми ваколатдори соҳавӣ дар асоси шартномаи басташуда бо ғолиби озмун амалӣ карда мешавад.

29. Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол то 1 май номгӯйи лоиҳаҳои фармоишии илмиву таҳқиқотии грантиро, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд, инчунин лоиҳаҳои фармоишии илмиву таҳқиқотии барномавии мақсаднокро таҳия карда, барои дастури минбаъд ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

30. Қарор доир ба қатъ кардани маблағгузории грантӣ ва барномавии мақсаднок бо натиҷаи санҷиши гурӯҳи кории байниидоравӣ ё мақоми ваколатдори давлатӣ ё мақоми ваколатдори соҳавӣ ва хулосаҳои асосноккунӣ на камтар аз 3 коршиноси мустақили Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешавад.

31. Ғолибони озмуни маблағгузории грантӣ ва барномавии мақсаднок дар муҳлатҳои дар шартнома муқарраршуда ҳисоботҳои семоҳа ва солонаи молиявиро ба мақомоти ваколатдори соҳавӣ пешниҳод менамоянд.

32. Маблағгузории лоиҳаҳои фармоишии илмиву таҳқиқотӣ, ки дар Қоидаҳои мазкур пешбинӣ шудаанд, тариқи ғайринақдӣ амалӣ карда мешавад (*қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.12.2024* № 684).

**Замима**
**ба Қоидаҳои маблағгузории**
**[заминавӣ, грантӣ, барномавии мақсаднокӣ]**
**лоиҳаҳои фармоишии илмиву таҳқиқотӣ**
**дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## Шартномаи намунавӣ барои иҷрои кори фармоишии илмиву таҳқиқотӣ

№___ аз "__"_______ соли 20____ ш. Душанбе

_______________________________________________________________________

______________, минбаъд Фармоишгар ном гирифта, дар шахсияти______________________, дар асоси низомнома (оиннома)______________________________, аз як тараф ва __________________________________, минбаъд Иҷрокунанда ном гирифта, дар шахсияти роҳбари муассиса ___________________, ки дар асоси низомнома (оиннома), аз ҷониби дигар ва дар асоси протоколи натиҷаҳои озмун №___ аз______________ амал менамоянд (минбаъд - Тарафҳо), шартномаи мазкурро бо мазмуни зерин бастанд:

### 1. Муҳтавои шартнома

1. Фармоишгар супориш медиҳад ва Иҷрокунанда иҷрои корҳои лоиҳаҳои фармоишии илмиву таҳқиқотиро, ки дар доираи фармоиши давлатӣ аз рӯйи барномаи буҷетӣ_____________________________ иҷро мешаванд, ба зимма мегирад:
- аз рӯи барномаи_________________;
- самт (раванд)___________________;
- аз рӯи мавзӯи __________________.

2. Мазмун ва муҳлати иҷрои давраҳои асосӣ аз рӯйи нақшаи тақвимӣ муайян карда мешавад.

3. Ҳуҷҷатҳои дар зер номбурдашаванда ва шартҳои дар онҳо ишорашуда шартномаи мазкурро ташкил намуда, қисмати ҷудонашавандаи он ба ҳисоб мераванд:
- шартномаи мазкур;
- нақшаи тақвимии корҳо;
- асосноккунонии техникӣ.

### 2. Тавсифи дастовардҳои лоиҳаҳои фармоишии илмиву таҳқиқотӣ аз рӯйи аломатҳои тахассусӣ ва нишондиҳандаҳои иқтисодӣ

1. Самти таҳқиқот;
2. Соҳаи истифодабарӣ;
3. Натиҷаи мушаххаси ниҳоӣ;
4. Имконияти патенткунонӣ;
5. Сатҳи лоиҳаҳои фармоишии илмиву таҳқиқотӣ (навгонӣ);
6. Истифодаи дастовардҳои лоиҳаҳои фармоишии илмиву таҳқиқотӣ аз ҷониби Фармоишгар ё Иҷрокунанда;
7. Шакли (намуди) истифодаи маҳсулоти лоиҳаҳои фармоишии илмиву таҳқиқотӣ.
8. Самаранокии иқтисодии таҳқиқот.

### 3. Маблағи умумии шартнома ва шарти пардохт

1. Маблағи умумии шартнома бо дарназардоштани арзиши ҳамаи хароҷотҳо барои хизматрасонӣ, аз ҷумла ҳамаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет ________________(бо ҳарфҳо) сомониро ташкил медиҳад.

2. Маблағгузории умумии шартнома дар доираи сметаи тасдиқгардида марҳила ба марҳила амалӣ карда мешавад.

3. Сарчашмаи маблағгузорӣ: буҷети ҷумҳуриявӣ.

4. Иҷрокунанда ва ҳамиҷрокунандаҳо уҳдадоранд, ки дар худ баҳисобгирии муҳосибии зарурӣ ва таҳлили арзиши воқеии корҳои иҷрошударо дар сохтори давраҳои он таъмин намоянд.

### 4. Тартиби супоридан ва қабули натиҷаи таҳқиқот

1. Ҳуҷҷатгузории лоиҳаҳои фармоишии илмиву таҳқиқотӣ ва ҳуҷҷатҳои дигаре, ки Иҷрокунанда дар давраҳои алоҳидаи иҷро ва баитмомрасии шартнома ба расмият дароварда месупорад, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

## 5. Муҳлати шартнома

1. Муҳлати шартнома дар доираи сметаи тасдиқгардидаи лоиҳаҳои фармоишии илмиву таҳқиқотӣ аз "___"__________ соли ___ то "__"_________ соли___ баста мешавад. Шартнома пас аз ба имзо расидан аз ҷониби Тарафҳо эътибор пайдо мекунад.
2. Ҳангоми дар муҳлати муқарраргардида маблағгузорӣ нагардидани лоиҳаҳои фармоишии илмиву таҳқиқотӣ муҳлати шартнома тамдид карда мешавад.

## 6. Масъулияти Тарафҳо

1. Ҳангоми иҷро накардани уҳдадориҳои дар шартнома пешбинишуда Тарафҳо мутобиқи шартҳо ва бо тартиби қонунгузории амалкунанда муқаррарнамуда ҷавобгӯ мебошанд.
2. Дар мавриди иҷро накардани корҳо дар муҳлати муқарраршуда Иҷрокунанда ба Фармоишгар ҷарима дар ҳаҷми 0,01 фоиз аз маблағҳои умумии шартнома барои ҳар як рӯзи батаъхиргузошташуда пардохт менамояд.
3. Дар мавриди бесифат иҷро намудани корҳо аз рӯйи лоиҳаҳои алоҳидаи барнома аз ҷониби Иҷрокунанда, баъди хулосаи коршиносони мустақили Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Фармоишгар дар дилхоҳ даври иҷро маблағгузории онро қатъ менамояд.
4. Фармоишгар ҷиҳати барасмиятдарории ҳуҷҷатгузории лоиҳаҳои фармоишии илмиву таҳқиқотӣ ба Иҷрокунанда мусоидат менамояд.
5. Фармоишгар барои гузаронидани экспертизаи лоиҳаҳои фармоишии илмиву таҳқиқотӣ, ки аз ҷониби Иҷрокунанда пешниҳод мегардад, масъул мебошад.

## 7. Шартҳои иловагӣ

1. Дастоварди лоиҳаҳои фармоишии илмиву таҳқиқотии дар асоси шартномаи мазкур бадастомада ба давлат тааллуқ дорад.
2. Дар мавриди амалӣ ва истеҳсоли дастоварди лоиҳаҳои фармоишии илмиву таҳқиқотӣ дар доираи шартномаи мазкур сохташуда аз ҷониби Иҷрокунанда, Тарафҳо тартиб ва ҳаҷми ҳиссаҳоро аз даромади гирифташаванда муайян мекунанд.
3. Шартномаи мазкур дар ду нусхаи аслӣ бо забони давлатӣ, дорои эътибори баробари қонунӣ, барои ҳар як Тараф як нусха тартиб дода шудааст.
4. Шартҳои дигар вобаста ба назари Тарафҳо:
- кор мутобиқи нақшаи тақвимӣ иҷро карда мешавад;
- лоиҳаҳои фармоишии илмиву таҳқиқотӣ аз бақайдгирии ҳатмии давлатӣ дар муассисаи давлатии "Маркази миллии патенту иттилоот"-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузарад;
- дар ҳолатҳои форс-мажорӣ, яъне бо иродаи тарафҳо вобаста набудани ҳолатҳо (офатҳои табиӣ ва фавқулодда, эпидемия, карантин ва ғайра), Тарафҳо муҳлати иҷрои лоиҳаҳои фармоишии илмиву таҳқиқотиро тамдид менамоянд.

## Суроғаи ҳуқуқии Тарафҳо

| Иҷрокунанда: | Фармоишгар: |
|---|---|
| Ному насаб ___________________________ | Ному насаб ___________________________ |
| Рақами РМА ___________________________ | Рақами РМА ___________________________ |
| _______________________________________ | _______________________________________ |
| (имзо) Ҷ.М. | (имзо) Ҷ.М. |